**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-063 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.12.2025, №11
Барои сазовор донистани Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсия дар мавзӯи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№22 аз 21 октябри соли 2025).

Довталаби дараҷаи илмӣ - Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1974 таваллуд шудааст.

Соли 1998 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бо ихтисоси “Филолог-омӯзгори забон ва адабиёти тоҷикӣ” ва соли 2005 факултети “Андоз ва андозбандӣ”-и Донишкадаи андоз ва ҳуқуқро бо ихтисоси “Иқтисодчӣ-нозири андоз” хатм намудааст. Аз соли 1992 то соли 2006 дар ДДТ дар вазифаҳои гуногун (ҳуҷҷатгузор, нозир ва лаборант) кор кардааст. Солҳои 2006 то 2012 дар аспирантураи ДДТ таҳсил кардааст. Аз соли 2013 то 2023 дар ДДЗХ дар вазифаҳои гуногун (ассистент, устоди калон, ҷонишини декан ва ғ.) фаъолият намуда, айни замон ҳамчун устоди калони кафедраи “Информатика ва илмҳои табиӣ-математикӣ”-и Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон адои вазифа менамояд. Оиладор, соҳиби 3 фарзанд.

Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна аз моҳи майи соли 2018 унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ мебошад.

Диссертатсия дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ашуров Ихтиёр Саидович – д.и.и., профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Раҳматзода Рустам – д.и.и., профессори кафедраи “Таҳлили иқтисодӣ”-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- Валиев Низомиддин Шаробудинович – н.и.и., дотсенти кафедраи “Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар со-ҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар аз тарафи коршинос, Алимов Комилҷон Касирович, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории муассисаи мазкур 20.11.2025, суратҷаласаи №4 баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., профессор Назарзода Х.Х. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ буда, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааast, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 23 интишори илмӣ, аз ҷумла 12 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

[М.1]. Баходурова Қ.Қ. Управление рынком банковских услуг в условиях переходной экономики. [Матн] / Қ.Қ.Баҳодурова , Ф.М. Раҳимов, Ван Яцзе, С.Х.Ашурзода, М.Б Холназаров //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2.Бохтар-2018. 1/4(57). ISSN 2663-5534/саҳ.118-125 (0,25 ҷ.ч.).

[М.2]. Баходурова Қ.Қ. Баҳои сифати зиндагии аҳолии деҳот. /[Матн] /Қ.Қ. Баҳодурова, С.Ҷ. Кабиров, И.Х. Гулов, Б.Т.Тоҳирҷонов, С. Ашурзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2. Бохтар-2018. 1/4(57). ISSN 2663-5534 / саҳ.169-175.(0,08 ҷ.ч.)

[М.3] Баҳодурова Қ.Қ.Моҳияти илмии бехатарии озуқаворӣ. /[Матн] / Қ.Қ.Баҳодурова, А.Ҷ Сафаров, И.С Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2. Бохтар-2018. 1/4(57). ISSN 2663-5534 саҳ.175-180.(0,12 ҷ.ч.)

[М.4] Баходурова К.К. Особенности инновационной деятельности в сельском хозяйстве. [Матн] /Қ.Қ.Баҳодурова, Дж.К. Расулов, А.Дж Сафарова // Кишоварз. Журнали назариявӣ ва илмӣ-амалӣ. Душанбе: ТАУ, 2019 ISSN 2074-5435 / № 1 (54) сах 165-169.(0,08 ҷ.ч.)

[М.5] Баҳодурова Қ.Қ. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва вазифаҳо / [Матн] Қ.Қ.Баҳодурова, Ҷ.К Расулов, Ш.Р. Насриддинов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.Бохтар-2019. ISSN 2663-5534 1/2 (62).саҳ.216-220.(0,10 ҷ.ч.)

[М.6] Баҳодурова Қ.Қ.Асосҳои илмӣ-методии назарияи муҳити рушди соҳибкорӣ. [Матн] Қ.Қ.Баҳодурова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. (илмҳои табиӣ-риёзӣ).Шумораи № 4 (16) Душанбе соли 2022. ISSN 2707-9996.саҳ.149-156.(0,12 ҷ.ч.)

[М.7] Баҳодурова Қ.Қ. Омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, И.С.Ашуров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Шумораи № 1 (17) Душанбе соли 2023 с. ISSN 2707-9996.саҳ.77-84.(0,25 ҷ.ч.)

[М.8]. Баҳодурова Қ.Қ. Муҳити молиявии соҳибкорӣ дар хориҷа / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, И.С.Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" ISSN 2413-5151. № 9 саҳ.161-170. Душанбе соли 2023 (0,31 ҷ.ч.)

[М.9] Баҳодурова Қ.Қ.Баҳои ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, И.С. Ашуров // Маҷаллаи илмию назариявӣ ва истеҳсолии "Кишоварз".шумораи № 3 (100) Душанбе соли 2023с. ISSN 2074-5435.(саҳ.169-175) (0,12 ҷ.ч.)

[М.10] Баходурова Қ.Қ.Таҳияи стратегияи молиявӣ ҳамчун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.Бохтар-2023. ISSN 2663-5534 1/4 (116).саҳ.225-230.(0,10 ҷ.ч.)

[М.11] Баҳодурова Қ.Қ.Самтҳои асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ. / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова// Паёми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (Маҷаллаи илмӣ) Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии "Кишоварз" ISSN 2074-5435 1 (102).саҳ.275-281.(0,10 ҷ.ч.)

[М.12] Финансовая стратегия как основное направление улучшения финансовой среды на микроэкономическом уровне. / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова// Вестник науки. Международный научный журнал.WWW вестник науки. (Маҷаллаи илмӣ) № 12 (81).Тольяти.2024 саҳ.61-83.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

*1. Аз номи сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии масъалаҳои соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ, н.и.и. Одиназода Амин бо чунин эрод:*

- бо истифода аз методологияи STEP самтҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ то соли 2030 ва таснифи онҳо ба бахшҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, ки гузаронида шудааст, вале агар ин усул барои таҳияи чорабиниҳо дар самти таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ низ истифода мегардад, сифати кор боз ҳам бурд мекард.

*2. Аз номи мудири кафедраи Молия ва қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур н.и.и. Бобозода Алишер Абдураҳмон бо чунин эрод:*

- хуб мешуд, агар муаллифи диссертатсия ба ғайр аз хоҷагиҳои номбаргардида ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкории дигар хоҷагиҳои деҳқонии мамлакатро таҳқиқ мекарданд, кори диссертатсионӣ боз ҳам мукаммалтар мегардид.

*3. Аз номи дотсенти кафедраи ТИ ва МТИ Донишгоҳи Бохтар ба номи Н.Хусрав, н.и.и. Наимзода Насим бо чунин эродҳо:*

- агар муаллиф дар баробари пешниҳоди матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ сарчашмаҳои молиявии иҷрои бандҳои онро асоснок мекард, диссертатсия боз ҳам ҷолибтар мегардид;

- муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳамчун маҷмӯи шароит ва омилҳои мухталиф,ки ба фаъолияти корхона таъсир мерасонанд вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объекти муқоисаи он дар рушди соҳибкории кишоварзӣ бештар таҳлил карда мешуд, кори диссератсионӣ боз ҳам пурратар мегардид.

*4. Аз номи дотсенти кафедраи "Иқтисодиёт ва идоракунӣ"-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ, н.и.и. Ғаффорзода Ҷонона Ғафор бо чунин эродҳо:*

- агар муаллиф ба роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳти микроиқтисодӣ бештар аҳамият медод, мазмуни диссертатсия боз ҳам ғанитар мегардид;

- дар диссертатсия номи олимони хориҷӣ ва ватанӣ нишон дода шуда, аммо дар кори илмӣ аз таҳқиқоти онҳо маълумотҳо нокифоя оварда шудаанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе норасогиву камбудиҳои автореферати диссертатсия муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шудааст:*** заминаҳои назариявию методологии ташаккул ва такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар шароити

иқтисодиёти бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти хусусиятҳои рушди соҳибкории кишоварзӣ;

- ***пешниҳод шудааст:*** модели такмилёфтаи муҳити молиявии соҳибкорӣ, ки ба беҳтар намудани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани устувории молиявӣ ва фаъолгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ равона гардидааст;

- ***асоснок гардидаанд***: омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ, механизмҳои дастгирии молиявӣ, нақши сиёсати давлатӣ ва институтҳои молиявӣ дар рушди соҳибкории кишоварзӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***баррасӣ гардидааст***: моҳият ва мазмуни иқтисодии муҳити молиявии соҳибкорӣ, равандҳои ташаккул ва рушди он дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, хусусиятҳои амалкарди он дар бахши кишоварзӣ;

- ***истифода шудаанд***: усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, таҳлили молиявӣ, усулҳои муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, усулҳои моделсозии иқтисодӣ ва баҳодиҳии омилҳои таъсиррасон ба муҳити молиявии соҳибкорӣ. Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намудаанд;

- таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкорӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳити молиявии он гузаронида шудааст;

- самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии кишвар дар шароити муосир таҳия ва пешниҳод шудааст;

- тамсилаи консептуалии таҳия ва иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ таҳия карда шуда, роҳҳои такмили он пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба рушди соҳибкории кишоварзӣ ва сиёсати молиявии давлат истифода шаванд;

- тавсияҳои амалӣ барои беҳтар намудани фаъолияти молиявии субъектҳои соҳибкории кишоварзӣ пешниҳод гардидаанд, ки имкон медиҳанд масъалаҳои мукаммалгардонии муҳити молиявии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро ёбанд;

- ***муайян карда шудааст***, ки такмили муҳити молиявӣ ба баланд шудани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, беҳтар гардидани қобилияти пардохтпазирӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат мекунад;

- ***пешниҳод карда шудааст:*** маҷмӯи тадбирҳо оид ба такмили механизмҳои қарздиҳӣ, дастгирии давлатии молиявӣ, рушди институтҳои молиявӣ ва беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- **назарияи таҳқиқот** ба асосҳои устувори илмӣ, қонунмандиҳои иқтисодӣ ва таҳлилҳои муфассали иқтисодиву молиявӣ такя менамояд;

• **ғояи таҳқиқот** - такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ - бо далелҳои илмӣ ва ҳисобҳои иқтисодӣ асоснок гардидааст;

• **аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот** дар таҳияи равишҳо ва пешниҳодҳои нав оид ба ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ зоҳир мегарданд, ки қаблан дар таҳқиқоти илмӣ ба таври мукаммал баррасӣ нашуда буданд;

• **коркардҳо** бо истифода аз маълумоти расмии оморӣ, усулҳои муосири таҳлил ва моделсозӣ иҷро гардида, эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки:

• тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи он, ба монанди интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд;

• масъалаи такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал ба таври комплексӣ таҳқиқ шудааст;

• модел, усулҳо ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани муҳити молиявии соҳибкорӣ мустақилона таҳия гардидаанд;

• ҳамаи хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ дар асоси таҳлили шахсӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти мустақилона пешниҳод шудаанд;

• довталаб дар ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ саҳми мустақим ва пурра дорад.

Дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 23 декабри соли 2025 қарори сазовор донистани Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар иштирок доштанд (аз ҷумла 2 нафар – ба тариқи маҷозӣ), аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 3 нафар.

Овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ** **Шарофзода Ф.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**